«Тасдиқ мекунам»
ректори ДМТ, профессор
__________ Хушвахтзода Қ.Х.
«____» ________2023 с.

# ХУЛОСАИ

## Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Диссертатсияи Одинаев Баходур Абдуҷаборович дар мавзуи **«Институти оила дар зардуштия ва ислом: таҳқиқоти таърихӣ – диншиносӣ»** ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020600 – Диншиносӣ (6D020601 – Фалсафаи дин ва диншиносӣ) дар кафедраи онтология ва назарияи маърифати факултети фалсафа иҷро шудааст.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 09.10.2020, суратмаҷлиси №350-05 тасдик гардидааст.

Одинаев Б.А. соли 2017 факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси кори иҷтимоӣ хатм кардааст.

Дар давраи омодасозии диссертатсия аз соли 2020 то соли 2023 Одинаев Баҳодур Абдуҷаборович ҳамчун докторанти кафедраи онтология ва назарияи маърифати факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020600 – Диншиносӣ (6D020601 – Фалсафаи дин ва диншиносӣ) ба ҳисоб мерафт.

Роҳбари илмии докторант: Худойдодзода Фаррух Бегиҷон – доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи онтология ва назарияи маърифат мебошад.

Дар ҷаласаи муштараки кафедраи онтология ва назария маърифат ва кафедраи диншиносии факултети фалсафа дар асоси баромади муқарризон ва муҳокимаи аъзои ҳар ду кафедра хулосаи зерин қабул гардид:

Диссертатсяи Одинаев Б.А. кори илмии анҷомёфта буда, дорои арзишу аҳаммияти назариявӣ ва навгонии илмӣ мебошад. Он мустақилона иҷро гардида, дорои натиҷаҳои арзишманди илмӣ мебошад. Дар рафти тадқиқоти илмӣ ва таҳияи диссертатсия, муаллиф аз усул ва равишҳои маъмули илмҳои фалсафӣ, таърихӣ ва диншиносӣ истифода намуда, масъалаи оиларо аз нигоҳи зардуштия ва ислом таҳлил намуда, натиҷаҳои назаррраси илмиро ба даст овардааст. Дар диссертатсия асосҳои методологии таҳқиқот ба таври илмӣ мавриди истифода қарор дода шудааст. Мафҳумҳои асосии таҳқиқот – оила, маърифати оиладорӣ, ниҳоди оила, низоми оиладорӣ, зардуштия, ислом, ҳақиқат ва ғ. тавассути асоснок намудани асосҳои илмӣ-методологӣ таҳлил гардидаанд.

Дар диссертатсия, муаллиф аз маҷмуи методҳо, принсипҳо, муносибатҳо, усулҳои таҳқиқотии фалсафӣ ва мантиқии маърифат, аз ҷумла усулҳои гуногуни илмӣ ва мантиқӣ, монанди усули таърихӣ – фалсафӣ, усули гузариш аз таҳлили таҷридӣ (абстрактӣ) ба таҳлили мушаххас, усулҳои муқоисавӣ, тафсирӣ ва ғайраҳо истифода намудааст.

Мақсади асосии таҳқиқи рисолаи мазкур аз нуктаи назари таърихӣ ва илми диншиносӣ мавриди омӯзиш қарор додани институти оила дар таълимоти зардуштия ва ислом ба ҳисоб меравад.

Муаллиф дар раванди таҳқиқот ва муайян намудани максадҳои асосӣ, тадқиқотҳои назариявии бадастоварда ва роҳҳои ҳалли натиҷаю хулосавии он мустақилона саҳмгузорӣ намудааст.

Мақолаҳои илмӣ, ки дар маҷаллаҳои такризшаванда оид ба мавзуи таҳқиқотӣ, аз ҷониби муаллифи диссертатсия ба чоп расонида шудаанд, ҷанбаъҳои муҳимтарини диссертатсияро инъикос менамоянд.

Ҷанбаи назариявию амалӣ ва навоварии кор дар он зоҳир мегардад, ки дар он кӯшиш карда шудааст, то дар асоси хулосаю тавсияҳои амалӣ, таҳлили ҳолати таҳқиқотӣ, масъалаи ниҳоди оиларо дар диншиносӣ барои дарки моҳияти оиладорӣ дар зардуштия ва ислом,

муайян кардани нақш ва ҷойгоҳи онҳо дар пешгирии вайроншавии оилаҳо, ки пайваста дар маркази таваҷҷуҳи Президенти кишвар ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад, муайян гардад. Дар диссертатсия ба масъалаҳои меҳварӣ, ки чун навоварӣ эътироф мегардад, таваҷҷуҳи ҷиддӣ дода шудааст. Навоварии таҳқиқоти мазкурро мухтасаран метавон чунин баён намуд:

– масоили таърихӣ-диншиносии институти оила дар зардуштия ва ислом аз диди намояндагони гуногуни илмҳои таърих ва диншиносӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуда, хусусиятҳои таърихӣ-динии заминаҳои иҷтимоии ташаккули институти оиларо дар зардуштия муайян намудааст;

– таълимоти зардуштияро дар бораи оила аз нуқтаи назари таърихӣ-диншиносӣ мавриди омӯзиш қарор дода, ҷанбаҳои дар таҳкими оилаҳои имрӯза мусоидаткунандаи онро муайян намудааст;

– таҳаввули институти оиларо дар зардуштия таҳқиқ намуда, муайян кардааст, ки институти оила дар зардуштия зери ҳамлаҳои гуногуни таҳаввулотӣ-таърихӣ қарор гирифтааст;

– пайдоиш ва ташаккули институти оиларо дар ислом баррасӣ намуда бунёди хонаводаро дар асоси меъёрҳои исломӣ қонеъ намудани талаботи фитрию иҷтимоӣ муайян намудааст;

– бори нахуст омӯзиши таърихию диншиносии оила ва оиладорӣ, тартиби бастан ва қатъ гардидани никоҳ ва дигар паҳлуҳои институти оила дар таълимоти ислом дар доираи як таҳқиқоти маҷмӯӣ ба иҷро расонида шудааст;

– таҳлили муқоисавии институти оила дар зардуштия ва ислом гузаронида шуда, арзиш ва аҳаммияти муқаддасоти оиладорӣ дар фарҳангу тамаддуни зардуштия ва ислом ҷиҳати бунёди ҷомеаи солим муайян карда шудааст.

Натиҷаҳои бадастоварда ва хулосаҳои ҷамъбастшудаи диссертатсияро низ метавон дорои арзиши баланди илмӣ ва амалӣ арзёбӣ намуда, онҳоро барои иҷрои тадқиқотҳои илмӣ дар соҳаи диншиносӣ, одоби оиладорӣ, ахлоқ ва зебоипарастӣ, инчунин, ҳангоми

тахия кардани васоити таълимӣ – методӣ аз фанҳои диншиносӣ, фалсафаи дин ва курси мухтасари лексияҳо оид ба ахлоқ, сотсиология ва дигар илмҳои ҷомеашиносӣ тавсия намуд. Илова бар ин, маводи таҳқиқшуда, натиҷа ва хулосаҳои бадастомадаро ҳангоми хондани курсҳои махсус ва тадриси фанни диншиносӣ дар замони муосир низ истифода намуд.

Диссертатсия ва мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф моҳияти мавзуъро фаро гирифтаанд.

Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда чоп шудаанд:

[1-М]. Одинаев, Б.А. Заминаҳои иҷтимоии ташаккули институти оила дар зардуштия// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. – №10.– С. 215–219.

[2-М]. Одинаев, Б.А. Таъмини суботи сиёсӣ дар рушди фаъолияти босамари бонувон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2021. – №4. – С. 125–131.(Ҳаммуаллиф: Худойдодзода Ф.Б., Тағдиров А.У.).

[3-М]. Одинаев, Б. А. Таълимоти зардуштия дар бораи оила // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2022. – №1. – С. 112–120. (Ҳаммуаллиф: Худойдодзода Ф.Б.).

[4-М]. Одинаев, Б. А. Тарбияи иҷтимоӣ – ахлоқии фарзанд аз нигоҳи ислом // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2022. – №4. – С. 84–92.

[5-М]. Одинаев, Б.А. Таҳлили муқоисавии институти оила дар зардуштия ва ислом // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2022. – №6. – С. 64–72.

[6]. Одинаев, Б. А. Пайдоиш ва ташаккули институти оила дар ислом // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2023. – №2. – С. 157–163. (Ҳаммуаллиф: Худойдодзода Ф.Б.).

[7]. Одинаев, Б. А. Таҳаввули институти оила дар зардуштия // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2023. – №3. – С. 161–168. (Ҳаммуаллиф: Худойдодзода Ф.Б.).

Саҳми шахсии докторанти дарёфти дараҷаи илмӣ дар он аст, ки ӯ тавонистааст, мавзуи мубрам ва баҳсноки ҷомеаи имрӯзаи тоҷикистониро интихоб намуда, мақсад ва вазифаҳои онро муайян карда, объект ва предмети таҳқиқоти худро бо услуби дурусти илмӣ – диншиносӣ мушаххас намояд. Ҳамчунин, маводи зиёди таърихию диншиносиро таҳлилу муқоиса намуда, хулосаҳои арзишманди илмӣ пешниҳод намояд.

Муаллифи диссертатсия мафҳуми оила ва ниҳоди оиларо ба таври муқоисавӣ дар зардуштия ва ислом ба таври илмӣ баррасӣ намуда, онро ҳамчун замина ва шарти муҳимми ташаккул ва таҳкими оиладорӣ, ба табиати пойдории оила, фалсафаи бунёди оила, фалсафаи ташкили оилаи солим ва аҳаммиятнокии фалсафӣ-иҷтимоии институти оила баррасӣ намудааст. Қайд мекунад, ки институти оила дорои як қатор унсурҳо мебошад, ки омӯзиши онҳо дар зардуштия ва ислом метавонад боиси такмили муносибатҳои оилавии ҷомеаи имрӯза гардад. Аз ҷумла, ақди никоҳ, шартҳои никоҳ, аъзоёни оила, якканикоҳӣ ва бисёрникоҳӣ, мақоми зан дар оила, муносибатҳои байнишахсии аъзоёни оила, тарбияи фарзандон, фарзандхонӣ ва монанди инҳо. Масъалаҳои фавкуззикр дар натиҷаи таҳаввулоти таърихӣ пайдо шуда, ташаккул ёфтаанд ва то замони мо омада расидаанд. Омӯзиш ва таҳқиқи масъалаҳои мазкур дар зардуштия ва ислом метавонад ба рушди институти оила дар замони муосир таъсири мусбӣ расонад.

Номи мавзуъ, сохтор ва таркиби диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси 6D020600-Диншиносӣ (6D020601-Фалсафаи дин ва диншиносӣ) мувофиқ мебошад.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Одинаев Баҳодур Абдуҷаборович дар мавзуи **«Институти оила дар зардуштия ва ислом: таҳқиқоти таърихӣ - диншиносӣ»** аз рӯйи мазмуну мундариҷа ба ихтисоси 6D020600 - Диншиносӣ (6D020601 - Фалсафаи дин ва диншиносӣ) пурра мувофиқат менамояд. Мақолаҳои чопнамудаи муаллиф ва диссертатсия муҳтавои асосии таҳқиқотро инъикос менамоянд. Диссертатсияи мазкур аз рӯйи

сохтори худ ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Диссертатсияи Одинаев Баходур Абдуҷаборович дар мавзуи **«Институти оила дар зардуштия ва ислом: таҳқиқоти таърихӣ - диншиносӣ»** аз рӯйи мазмуну мундариҷа ба ихтисоси 6D020600 - Диншиносӣ (6D020601 - Фалсафаи дин ва диншиносӣ) мувофиқ буда, таҳқиқоти мустақилона ва анҷомёфта ба ҳисоб рафта, барои ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-029 пешниҳод мегардад.

Хулосаи мазкур дар маҷлиси муштараки кафедраи онтология ва назарияи маърифат ва кафедраи диншиносии факултети фалсафаи ДМТ 29 ноябри соли 2023 қабул гардид. Дар маҷлис 15 нафар иштирок карданд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор 15 нафар; зид - нест, бетараф - нест.

Суратҷаласаи №4/1 аз 29. 11. 2023.

**Мудири кафедраи онтология ва назарияи**
**маърифати факултети**
**фалсафаи ДМТ, н.и.ф., дотсент** **Ф.Қ. Ҳаитов**
**Тел.: 108181981. mail: kais-2007@mail.ru**

**Мудири кафедраи диншиносии**
**факултети фалсафаи ДМТ, н.и.ф., дотсент** **Қ. Нурулхак**
**Тел.: 933150246. mail: nurulhagov@mail/ru**

**Котиб, н.и.ф., муаллими калон** **Ф.И. Калонзода**

**Имзои Ф.Қ. Ҳаитов, Қ. Нурулхак**
**ва Ф.И. Калонзодаро тасдиқ мекунам:**
**Сардори РК ва КМ ДМТ** **Тавқиев Э.Ш.**
«30» 11 2023 с.